Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 52 (4792) | ҶУМЪА, 26 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

ИДОМАИ САФАРИ РАСМИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ ВА ВАТИКАН

24-уми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Италия дар шаҳри Рим мудири иҷроияи Ширкати «ВиБилд» (WeBuild) Пиетро Салиниро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкорӣ оид ба рафти сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» муҳокима гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷараёни сохтмони сарбанди неругоҳ, ки зимни

сафарҳои корӣ ба мушоҳида мерасид, андешаронӣ намуданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки роҳбарияти ширкат тамоми имкониятҳо ва ҳудро барои дар муҳлати муқаррарнамудаи анҷом додани нақшаҳои корӣ сафарбар хоҳад кард.

Роҳбари ширкати «Вибилд» (WeBuild) ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи иҷрои ҳудадориҳо ва рафти корҳои сохтмонӣ маълумот дод.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ, инчунин, оид ба дигар масъалаҳои ҳамкорӣ, тезонидани корҳо ва истифодаи босамар аз имкону захираҳои мавҷуда табодули андеша карданд.

24-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Италия дар шаҳри Рим мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO) Чу Донюйро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар мулоқот масоили ҳамкорӣ бо ин ниҳоди СММ дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шуда, аз ҳамкории муфид бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ қаноатмандӣ зоҳир гардид.

Изҳори итминон карда шуд, ки бо талоши рӯзафзуни ҷонибҳо дар оянда низ рушди ҳамкорӣ ба татбиқи боз ҳам бобарори ислоҳоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар маҷмӯъ, ба Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат хоҳад намуд.

Таъкид шуд, ки беҳбуд бахшидан ба самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва таҳкими рушди устувори ин бахш омили муҳими баланд бардоштани некуаҳволии мардуми деҳот аст.

Ҷонибҳо омодагиро барои идомаи робитаҳо ҷиҳати беҳсозии истифодаи заминҳои корам, пешгирӣ аз харобшавии онҳо ва ба истифода додани заминҳои нав ибрӯз доштанд.

Дар доираи пешбурди сиёсати инкишофи «иқтисоди сабз»-и Тоҷикистон воридоти технологияҳои ниҳолпарварӣ баҳри барқарор намудани

Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки чунин ҳамкорӣ дар шароити кунунии гармшавии ҷаҳонии иқлим бояд ба маротиб густариш дода шавад.

25-уми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди мулоқот бо мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар қароргоҳи созмони мазкур дар маросими муаррифии навъҳои тоҷикии зардолу, ангур ва хушкмеваҳои Тоҷикистон иштирок карданд.

Иттилоъ дода шуд, ки зардолу ҷангалзор, ҳифзи ҷангалу буттазор аз эрозия ва шусташавии заминҳо зарур шуморида шуд.

25-уми апрели соли равон дар доираи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Италия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкими ҳамкорӣ ба роҳбарияти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ намунаҳо аз ниҳолҳои навъҳои гуногуни зардолу ва ангури тоҷикӣ тақдим карда шуд.

Тавре зикр гардид, ҳоло миёни гурӯҳи кории Тоҷикистон ва Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ барои ворид намудани чанде аз минтақаҳо ва маҳсулоти кишоварзии кишвари мо ба «Низоми мероси кишоварзии

дорои аҳамияти ҷаҳонӣ» ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст ва ояндаи наздик бояд самараҳои нахустини ин кори муштарак эълон гардад.

25-уми апрели соли ҷорӣ дар доираи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Италия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони тоҷикони муқими Ҷумҳурии Италия, аз ҷумла донишҷӯёни тоҷик ва кормандони ташкилоту созмонҳои бонуфуз воқеъ дар ин кишвар, мулоқоти самимӣ доир карданд.

Зимни вохӯрӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст аз ҳолу аҳвол, шароити таҳсил ва корашон пурсон шуданд.

Президенти кишвар доир ба дастгирию ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳсозии шароити будубоши ҳамдиёрони бурунмарзӣ, бахусус ҷавонон, ки ба омӯзиши илму ҳунар дар хориҷи кишвар машғуланд, андешаҳои ҷолиб баён карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донистани забонҳои хориҷӣ ва аз ҳуд кардани нозукиҳои техникаю технологияи муосирро амри зарурӣ номиданд.

Таъкид гардид, ки дар доираи сиёсати хориҷии Ҳукумати кишвар ва ҳамкорӣ бо кулли ҷаҳон ҳамасола барои идомаи таҳсили ҷавонон квотаҳо ва барои муҳоҷирони корӣ санадҳои муҳими танзимкунандаи будубоши онҳо таҳия ва қабул мегардад.

Дар рафти мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба вазъи мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ андешаронӣ карда, ҷавононро ба ҳушёрию зиракӣ ва дӯст доштани Ватан даъват намуданд.

www.prezident.tj

РАФТИ ИҶРОИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО БАРРАСӢ ГАРДИД

25-уми апрели соли 2024 бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва иштироки намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти иҷрои «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025» баррасӣ гардид.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ изҳор намуд, ки соҳаи маориф ҳамчун соҳаи калидӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бояд гуфт, ки «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021 - 2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 қабул гардидааст, бо мақсади дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии истеъдодҳо таҳия гардидааст.

- Пеш аз ҳама, нақши боризи шаҳри Душанберо дар шаклгирии низоми дарёфт ва рушди истеъдодҳо бояд махсус дарҷ намуд, зеро аввалин маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо маҳз дар шаҳри Душанбе таъсис ёфт. Натиҷаи мусбии фаъолияти ин муассиса буд, ки Ҳукумати кишвар таъсиси чунин марказҳоро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо салоҳи кор донист ва ин гуна марказҳо дар шаҳру ноҳияҳои дигари кишвар таъсис дода шуданд. Яъне, шаҳри Душанбе саргаҳи низоми муосири рушди истеъдодҳо маҳсуб мегардад,- афзуд М. Муинӣ.

Таъкид гардид, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешида мушкилот дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба таври зарурӣ ҳал нагардидааст. Ин ҳам бошад, ба таври кофӣ мавҷуд набудани дастурҳои методӣ, адабиёти илмии кор бо хонандагони боистеъдод, мавҷуд набудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо мебошад, ки барои рушди қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод ва гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ монеа эҷод мекунад.

Бояд зикр кард, ки қобилияти хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ дар корҳои амалӣ ва омӯзишӣ аз фанҳои экология, география, технологияи иттилоотӣ, физика, химия, биология вобастагии калон дорад, аммо мавҷуд набудани озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири фаннӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои амалигардонии қобилиятҳои эҷодии хонандагони боистеъдод ва омодагии онҳо ҷиҳати иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ мушкилӣ эҷод менамояд.

Иброз гардид, ки айни замон барои муассисаҳои томактабӣ дастурҳои илмӣ - методӣ, маводи аёнии таълимӣ, нақша ва барномаҳои махсуси таълимию тарбиявӣ, механизмҳои самарабахши ошкор намудани истеъдоди кӯдакон ба таври мукаммал таҳия нашудааст. Дар баробари ин, зарур шуморида шуд, ки дар муассисаҳои томактабӣ кӯдакони қобилияти махсусдошта ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гардида, кор бо онҳо аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии алоҳидаи дорои мундариҷаи мураккабдошта ба роҳ монда шавад.

Надоштани нақша, барномаҳои таълимӣ ва адабиёти дарсии дорои мундариҷаи баланди илмию методии ҷавобгӯ ба талаботи донишандӯзии хонандагони боистеъдод, мавҷуд набудани барномаҳои таълимӣ аз фанни мантиқ, таъмини чунин муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони дорои малакаи баланди касбӣ, хусусан, дар синфҳои таълимашон ба забони русӣ ва англисӣ, аз муҳимтарин мушкилоти соҳа арзёбӣ гардид.

Вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Наҷмиддиниён изҳор дошт, ки барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо на танҳо омӯзгорон, балки ҳар шахси соҳибмаърифат, ватандӯст, ҳар фарди некхоҳи ҷомеа бояд саҳм бигирад ва ҳудро масъул шуморад.

Файзулло Наҷмиддиниён, ҳамчунин зикр кард, ки директорони марказҳо ва дигар роҳбарону раҳнамои хонандагони шоиставу лаёқатманд ва боистеъдод бояд ҳуд низ соҳибистеъдод, дорои донишу фаҳмишу қобилияту маҳорати баланд ва дилсӯзу намуна бошанд.

Дар фарҷом изҳори боварӣ карда шуд, ки чорабинии имрӯза барои иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи ҳадафҳои дар пеш гузошташуда ба масъулини Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ.
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

БА ҚОНУНҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО ВОРИД ГАРДИД

Бисту чоруми апрели соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.

РАИС: - Вакилони арҷманд!

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд. Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Ба рӯзномаи ҷаласа нуҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам, нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»

2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»

3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»

4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ»

5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ»

6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор»

7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)»

8. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода З. Ф.»

9. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Раҳмонзода З. Ф.».

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дода мешавад. Марҳамат.

Гулбаҳор НАЗИРӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», ки дар робита ба мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва бо мақсади ҳамоҳангсозии муқаррароти дахлдори қонунҳо таҳия гардидааст, пешниҳод мешавад. Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» тағйирот пешбинӣ шуда, мутобиқати баъзе мафҳуму истилоҳҳои асосии он ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи муқовимат

ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» таъмин карда мешавад. Ба қисми 1 моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», иловаи дахлдор пешбинӣ шуда, вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти мусоидат намудан ба тавсеаи маърифати бонкию молиявӣ мустаҳкам карда мешавад. Бо мақсади мушаххас намудани мазмуни маълумоти махфӣ ва пешгирӣ намудани дастрасии он ба шахсони ғайр, дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 81-и қонуни мазкур тағйирот пешбинӣ шуда, махфияти маълумоти дорои сирри Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ кунед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

Фозил ОБИДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қоидаҳои умумии додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ва тартиби до-

дани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро муқаррар намуда, расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан, бозхонд ё қатъ намудани амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро, ки бо қонунҳо муқаррар карда шудаанд, дар бар мегиранд. Аз ин лиҳоз, шарту талаботи махсуси амалкунандаи иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти ин ташкилотҳо дар қонунгузорӣ оид ба ташкилотҳои маблағгузории хурд муқаррар гаштаанд, нигоҳ дошта шуда, амал менамоянд. Тағйироту иловаи пешбинигардида бо мақсади ба ин талабот мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» пешниҳод шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ карданд. Он ба моддаи 60 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

Гулбаҳор НАЗИРӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», ки дар робита ба қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва бо мақсади ҳамоҳангсозии муқаррароти дахлдори қонунҳо таҳия гардидааст, пешниҳод мешавад.

Бо мақсади ба талаботи барои ҳамаи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда ягонаву ҳатмии муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», дар лоиҳаи қонуни мазкур тағйироту иловаи зерин пешбинӣ шудаанд:

- ба моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» қисми 4 илова гардида, имконияти тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумотҳои барои гирифтани иҷозатнома зарурӣ пешбинӣ карда мешавад;

- моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» дар таҳрири нав ифода гардида, пардохти хироҷ ба буҷет мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» муайян карда мешавад;

- инчунин, бо мақсади мутобиқ намудани баъзе мафҳуму истилоҳҳои асосӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», ки дар таҳрири нав қабул карда шудаанд, таъмин мегардад;

- инчунин, ҷиҳати мукаммал намудани низоми идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ ба моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» тағйиру иловаҳои дахлдор пешбинӣ шуда, талабот нисбат ба аъзои Шурои нозирони ташкилоти қарзии исломӣ пурзӯр карда мешаванд.

Аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур вобаста ба дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳвият ва густариши фаъолияти бонкдории исломӣ ҳамчун институти нави молиявӣ дар кишвар таҳия шудааст. Ҳамзамон, расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан, бозхонд кардан ё қатъ намудани амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро вобаста ба талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, шарту талаботи махсуси амалкунандаи иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти ин ташкилотҳо дар қонунгузорӣ оид ба ташкилотҳои маблағгузории хурд муқаррар шудаанд, нигоҳ дошта шуда, амал менамоянд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ карданд. Он ба моддаи 60 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки 22 - юми июни соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мавриди амал қарор дода шуд, ки мутобиқи талаботи моддаи 13 - и он хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта тибқи нишондиҳанда барои ҳисобҳои дар замимаи қонуни мазкур пешбинигардида ситонида шуда, ба буҷети давлатии дахлдор тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта гузаронда мешавад. Ҳамзамон, вобаста ба раванди рақамикунонии иқтисод, аз ҷумла дар низоми бонкдорӣ тавассути низоми электронӣ, пешниҳод ва баррасии ҳуҷҷатҳо дар сатҳи баланд таъмин мегардад.

Тағйироту иловаи пешниҳодшуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, бо риояи услуби ягонаи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифату норасоиҳои меъёрии ҷойдошта, истифодаи истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ равона карда шудаанд. Бо мақсади ба ин талаботҳо мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар лоиҳа тағйироту иловаи дахлдор пешбинӣ шудаанд. Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур вобаста ба дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳвият ва густариши фаъолияти бонкдории исломӣ ҳамчун институти нави молиявӣ дар кишвар таҳия шудааст. Ҳамзамон, расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан, бозхонд кардан ё қатъ намудани амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро вобаста ба талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, шарту талаботи махсуси амалкунандаи иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти ин ташкилотҳо дар қонунгузорӣ оид ба ташкилотҳои маблағгузории хурд муқаррар шудаанд, нигоҳ дошта шуда, амал менамоянд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ карданд. Он ба моддаи 60 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки 22 - юми июни соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мавриди амал қарор дода шуд, ки мутобиқи талаботи моддаи 13 - и он хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта тибқи нишондиҳанда барои ҳисобҳои дар замимаи қонуни мазкур пешбинигардида ситонида шуда, ба буҷети давлатии дахлдор тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта гузаронда мешавад. Ҳамзамон, вобаста ба раванди рақамикунонии иқтисод, аз ҷумла дар низоми бонкдорӣ тавассути низоми электронӣ, пешниҳод ва баррасии ҳуҷҷатҳо дар сатҳи баланд таъмин мегардад.

Тағйироту иловаи пешниҳодшуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, бо риояи услуби ягонаи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифату норасоиҳои меъёрии ҷойдошта, истифодаи истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ равона карда шудаанд. Бо мақсади ба ин талаботҳо мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар лоиҳа тағйироту иловаи дахлдор пешбинӣ шудаанд. Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бо

БА ҚОНУНҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО ВОРИД ГАРДИД

(Идома аз саҳ. 2)

- ба моддаҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» тағйирот пешбинӣ шуда, мутобиқати баъзе мафҳуму истилоҳҳои асосии онро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», ки дар таҳрири нав қабул карда шудаанд, таъмин менамояд;

- ба моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» тағйиру иловаи дахлдор пешбинӣ шуда, имкони тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома зарурӣ ва истиноди умумӣ ба қонунгузорӣ вобаста ба тартиби амалисозии азнавбарасмиятдарорӣ, додани нусхаи дуюм (дубликат) ва бекор кардани амали иҷозатнома муқаррар карда мешавад;

- ба қисми 2 моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» сархати нав илова шуда, имкони ба муҳлати дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда боздоштани амали иҷозатномаи оператори низоми пардохтиро ҳангоми аз тарафи он риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд.

Аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

Азиз ГИЁЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба моддаи 14-и қонуни амалкунанда қисми 11 илова ва ба қисми 2-и моддаи 30 сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шуд:

- амали иҷозатномаи оператори низоми пардохтиро ба муҳлати дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда боздошт намояд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо

ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон, 9 таклиф пешниҳод карданд, ки қисме аз онҳо қабул шуд. Лоиҳаи қонуни зикргардида ба моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ҳамзамон, ислоҳи камбудиҳои техникию имлоӣ ба баъзе муқаррароти қонуни мазкур тағйирот пешбинӣ шудааст, аз ҷумла:

1) барои нисбат ба ташкилотҳои қарзии исломӣ паҳн гардидани амали қонуни танзими асъор ва назорати асъор мафҳуми «ташкилоти қарзӣ» ба «ташкилоти қарзии молиявӣ» иваз карда шудааст;

2) бинобар сабаби аз соли 2016 инчониб манъ гардидани фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор ва шахсони ваколатдор, дар лоиҳаи қонуни мазкур тағйирот оид ба аз матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» хориҷ намудани муқаррароти ба онҳо дахлдор пешбинӣ шудааст;

3) бо мақсади ба таҷрибаи байналмилалӣ мутобиқ намудани тартиби муайян ва эълон намудани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» тағйироти дахлдор пешбинӣ шудааст;

4) барои пурра фаро гирифтани доираи амалиётҳои асъории марбут ба ҳаракати сармоя моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» дар таҳрири нав пешбинӣ гардидааст.

Аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

Азиз ГИЁЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо мақсади ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ислоҳи камбудиҳои техникию имлоӣ дар баъзе муқаррароти қонуни мазкур тағйирот пешбинӣ шудааст. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида, бандҳои 12) ва 13) моддаи 1 ва сархати сеюми қисми 1-и моддаи 5 хориҷ карда шуданд. Инчунин, моддаи 6 ва моддаи 14 дар таҳрири нав такмил дода шуданд. Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дода мешавад. Марҳамат.

Гулбаҳор НАЗИРӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)», ки дар робита ба қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» таҳия гардидааст, пешниҳод мешавад. Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур дар қисми 1-и моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)» тағйир пешбинӣ шуда, номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки дар таҳрири нав қабул шудааст, дуруст ифода карда мешавад.

Аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода дода мешавад.

Саидҷаъфар УСМОНЗОДА: - Яке аз масъалаҳои асосие, ки ба соҳибкорон мушкил эҷод мекунад, фоизҳои баланди қарзи бонкҳо аст. Нисбат ба ин масъала Бонки миллӣ чӣ чораҳо андешидааст?

Гулбаҳор НАЗИРӢ: - Оид ба ин масъала Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар корбарӣ намуда истодааст. Бо фармони раиси Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ доимо-амалкунанда фаъолият мебарад, ки бевосита бо роҳбарони ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар ҷаласаҳои корӣ баргузор намуда, бозбинӣ кардани фоизи қарзҳоеро, ки ба шаҳрвандону соҳибкорон пешниҳод мегарданд, баррасӣ менамояд. Тибқи маълумоти оморӣ, дар панҷ соли охир меъёри миёнавазни қарз бо пули миллӣ аз 28 то 23 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 22 то 11 фоиз паст карда шудааст. Ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар ҳамчун миёнарави молиявӣ фаъолият мекунанд ва бонкҳо бо дарназардошти ҳамаи хароҷоте, ки доранд, фоизи қарзро муайян мекунанд. Мо доимо оид ба кам кардани хароҷоте, ки ташкилотҳои қарзию молиявӣ доранд ва бозбинӣ намудани хароҷоти дуюмдараҷаро тавсия медиҳем. Лекин мо наметавонем, ки ташкилотҳои қарзию молиявиро маҷбур кунем, ки оид ба пешбурди ҳамин сиёсат фоизи қарзиро паст кунанд, чунки ин ба пешбурди фаъолияти ташкилот низ зарар расонданаш мумкин аст.

РАИС: - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

Азиз ГИЁЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур дар қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъриҳи қарз (кредит)» тағйир пешбинӣ шуда, номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки дар таҳрири нав қабул шудааст, дуруст ифода меёбад.

